«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
_____ Ибодуллозода А.И.
"10" 10 соли 2025

ХУЛОСАИ
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ»

Диссертатсияи Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба шумор мерафт.

Сагдиева Г.М. соли 1991 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик дохил шуда, онро соли 1996 (ДТО №0008535 аз 25.06.1996) хатм кардааст.

Пас аз хатми донишгоҳи номбурда фаъолияти меҳнатиашро соли 1995 ба ҳайси омӯзгори забону адабиёти тоҷик дар мактаби миёнаи №88 оғоз намуда, то соли 2008 дар мактабҳои таҳсилоти умумии №92 ва №72 ба ҳайси омӯзгори алифбои ниёгон ва ҷонишини директор оид ба корҳои таълим адои вазифа намудааст. Аз соли 2008 инҷониб дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, дар Раёсати таълим ба ҳайси методист, дар айни замон мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавон фаъолият менамояд.

Дар баробари фаъолияти меҳнатиаш Сагдиева Г.М. инчунин аз фанҳои педагогика, этика ва эстетика, психологияи фаъолияти касбӣ ва фарҳангшиносӣ ба донишҷӯён дарс мегӯяд.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27.10.2014, №608-СТ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 15 октябри соли 2021 ќарори №2/4 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 01 октябри соли 2021, № 3/6.1, роҳбари илмии унвончӯ номзади илмҳои педагогӣ Наимов Зариф таъйин карда шуда буд.

Бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 06 июни соли 2023, №11/6.1 (ғ) бо сабаби унвони илмӣ надоштанаш Наимов Зариф аз вазифаи роҳбари илмии унвончӯй озод карда шуда, роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълим (забонҳои олмонӣ ва франсавӣ)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна таъйин карда шуд.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба унвончӯ Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна аз 04-уми марти соли 2024, №04/269 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсияи Сагдиева Г.М. дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 27.10.2025, №9/5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносономаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Диссертатсияи довталаб Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, тибқи *банди 3* – "Антропологияи педагогӣ" (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), *банди 4* – "Назария ва консепсияи таълим" (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо) ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиќат дорад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва техналогия дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд буда, ба такмили низоми таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълим ва рушди иқтидори зеҳнии насли наврас равона гардидааст.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Маводи нашрнамудаи диссертант масъалаҳои умда ва асосии таҳқиқот, натиҷаҳои муҳим, мундариҷаи комили диссертатсия ва авторефератро инъикос намуда, якҷоя бо суханрониҳои илмӣ дар конфронсҳои мухталиф саҳми шахсии муаллифро бозгӯй ва шарҳу тафсир мекунанд.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба рушди усулҳои муосири педагогӣ, ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагон ва баланд гардидани самаранокии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намояд. Масъалаҳои дар диссертатсия фароҳамомада, маҳсули ҷусторҳои чандинсолаи унвонҷӯст. Он бар пояи принсип ва методҳои таҷрибашудаи пажуҳишӣ дар педагогикаи умумӣ ба вуҷуд омадааст.

Натиҷа ва хулосаҳои ба дастомада дар шакли мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа шуда, дар маҷмуа ва маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд, ки он ҳамагӣ бар пояи таҳияи рисолаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертант дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: дар банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, омӯзиш, гирдоварии маводди назарӣ ва адабӣ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ва маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ таҳқиқ ва пешниҳод намудааст. Баррасӣ ва натиҷагириҳои илмии маводди таҳқиқӣ, масъалагузориҳои назарӣ ва хулосабарориҳои илмӣ натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи диссертант мебошад.

Диссертатсияи Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишороти довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи диссертатсияи пешниҳодшаванда ва замимаҳо иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 1,81 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Сагдиева, Г.М. Сущность процесса обучения и средства его активизации [Матн] / Г.М. Сагдиева// Вестник Таджикского национального университета, серия педагогических наук. Издательство Таджикского национального университета. - Душанбе, 2016. -№3/5(208). -С.246-248. 188ЫІ 2074- 1847.

[2-М]. Сагдиева Г. М. Дидактические условия активизации обучения учащихся [Матн] / Г.М. Сагдиева //Вестник Таджикского национального университета, серия педагогических наук. Издательство Таджикского национального университета. - Душанбе, 2016. -№3/6 (211). - С. 318-320. 1881Ч 2074-1847.

[3-М]. Сагдиева Г. М. Активизация познавательной учебной деятельности учащихся в средних учебных заведениях [Матн] / Г.М. Сагдиева //Вестник Таджикского национального университета, серия педагогических наук. Издательство Таджикского национального университета. - Душанбе, 2017.- №3/7, 1 часть.-С. 270-272.І88N 2074-1847.

[4-М]. Сагдиева Г. М. Изучение познавательных запросов учащихся в школе [Матн] / Г.М. Сагдиева // Вестник педагогического университета, серия педагогики и методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. Издательство Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. - Душанбе. 2020.- №3(3).- С. 93-96. 188ЫІ 2708-5759.

ІІ. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-М] Сагдиева Г. М. Таълиму тарбия дар замони Бостон. Конференсияи ҷумҳуриявии таълимӣ - методӣ [Матн] / Г.М. Сагдиева // «Ҳамроҳӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ» бахшида ба 30-солагии Истиқлолият ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.- Нашриёти Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2021. - С. 185-192.

[6-М] Сагдиева Г. М. Асосҳои назариявии методологияи таълими фарҳангшиносӣ. Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ [Матн] / Г.М.Сагдиева // "Афзалиятнокии "Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025" дар ҳалли мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ва маориф". Нашриёти Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2025.- С. 338- 345.

[7-М] **Сагдиева Г. М.** Шароитҳои педагогӣ ва тадбирҳои муассири рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон // Материалы VIII Международная конференция на тему «Инклюзивное образование: компетентностный подход в условиях многоязычия и поликультурности» // 28 октября 2024 г., город Душанбе, Республика Таджикистан, Академия образования Таджикистана. - Душанбе, Академия образования Таджикистана, 2024.

[8-М] Сагдиева Г. М. Усулҳои муассири омӯзиши мазмуни иттилоот ҳамчун омили асосии фаъолнокии маърифатии хонандагон // Сборник материалов Международной конференции на тему "Вазифаҳои муассисаи таълимӣ оид ба дарёфт ва рушди хонандагони болаёқат аз фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ" // 25 сентябри соли 2025, ш. Душанбе, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С. 224-228.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Сагдиева Гулбаҳор Мазамовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6Д.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 27.10.2025, қарори №9/5 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогика _____ Мансурова Ҷамила Сулаймоновна

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллимаи калони кафедраи
умумидонишгоҳии педагогика _____ Арбобова Фароғат Анваровна

Имзоҳои Ҷ.С. Мансурова ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ _____ Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: info@tgpu.tj
Сомона: www.tgpu.tj